# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исмоилова Мубораkби Кенжаевна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02- Назария ва методикаи фанҳои табиӣ, таҳсилоти касбӣ (химия)

Диссертатсияи илмии Исмоилова Мубораkби Кенжаевна «Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия» мавзуи актуалӣ буда, дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи химия хеле муҳим аст. Ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ-таҷрибавии кимиёвӣ боиси шавқу завқи касбомӯзӣ, фаъолияти мустакилонаи таълимию маърифатӣ, эҷодию ҷустуҷӯии донишҷӯён мегардад.

Нақш ва мақоми машғулиятҳои назариявӣ, амалӣ ва озмоишӣ-таҷрибавии химиявӣ, дар ташаккули фаъолияти зеҳнию ахлоқӣ, хотира ва тафаккури донишҷӯён нақши калидӣ дорад.

Яке аз масъалаҳои асосии таълими химия бо истифодаи таҷрибаю озмоишҳо, ин бедор намудан ва ташаккул додани шавқу завқ, дониш, маҳорату малака ва ҷанбаҳои маърифат, яъне диққат, хотира, тафаккур, эҳсосот ва ғайраҳо ба шумор меравад. Баҳри таъмини алоқамандии мантиқии машғулиятҳои назариявӣ бо озмоишӣ-таҷрибаҳои химиявӣ, назария ва амалия, омӯзишу баррасии сарчашмаҳои илмию методологӣ оид ба инкишофи марҳилаҳои таърихии химия гузаронидани машғулиятҳои шавқовар тавассути шабнишиниҳою викторинаҳои кимиёвӣ бағоят муҳиму бамаврид мебошад.

Ҳадафи таҳқиқот, аз нуқтаи назари илмӣ таҳия ва мураттаб намудани санҷиш, таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳои методии ташаккули шавқу завқ, донишандӯзӣ, маҳорату малака ва фаъолияти таълимӣ –

маърифатии донишҷӯён дар раванди гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ дар ҷараёни таълими сикли фанҳои химия мебошад.

Тавсифи умумии автореферат, мубрамияти мавзуи интихобгардида, дараҷаи коркарди илмии проблема, объект, ҳадаф, вазифа ва фарзия, ғояи пешбар, сарчашмаҳо, навгонии илмӣ, арзишҳои назариявию амалӣ ва пойгоҳи таҷрибавию озмоишии таҳқиқот, инчунин марҳилаҳои таҳқиқот, нуқтаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Мувофиқи ҳадафу вазифаҳои диссертатсия мантиқан он аз муқаддима, ду боби асосӣ, хулоса ва номгӯйи адабиёт шакл гирифтааст, ки онҳо дар автореферат низ дида мешавад.

Дар муқаддима муҳимияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шудааст, дараҷаи коркарди масъала, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, объект, мавзуъ, предмет, фарзия, методҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии он пешниҳод карда шуда, эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, навгониҳои илмии таҳқиқот кушода шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия таҳти унвони "Асосҳои назариявӣ ва методологии тайёр намудани донишҷӯён дар раванди гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия" номгузорӣ карда шудааст ва аз ҷунин фаслҳо иборат аст:

1. "Асосҳои педагогӣ-психологии ташаккули шавқу завқи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ- таҷрибавӣ дар дарсҳои химия".
2. "Нақш ва мақоми машғулиятҳои озмоишӣ – таҷрибавии кимиёвӣ дар ташаккули фаъолияти таълимӣ- маърифатии донишҷӯён".
3. "Роҳу усулҳои гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ аз фанни химия- асоси ташаккули фаъолияту нерӯи зеҳнии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ".

Дар ин боб, таҳқиқотҳои олимони бурунмарзӣ: А.А. Светков, Н.Е Кузнетсова, С.И Созонов, А.А.Грабетский, В.Н.Лавров,

Г.А.Подкоритов, Б.Г.Анаев, В.С.Полосин, А.М.Бутлеров, Д.И.Менделеев, Г.И.Руздвинг, Ю.К.Бабанский асъору ашъори ниёгон-кимиёшиносон: Абубакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ, Абуали ибни Сино, Ҷобир ибни Хайёни Тусӣ ва олимону муҳаққиқони тоҷик, аз ҷумла С.Г.Бандаев, У.З.Зубайдов, Р. Қиматов, С. Холназаров, Ғ.Бобизода, Л.Солиев оид ба банду қисматҳои химияи умумӣ, барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии омӯзгорӣ, роҳу усулҳо, методҳои таълимиро дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ, дар ҷараёни омӯзиши химия, аз нигоҳи педагогӣ ва дидактикӣ тавсифу баррасӣ карда шудааст.

**Боби дуввуми** диссертатсия ба “Машғулиятҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ аз фанни химия-асоси ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён” номгузорӣ карда шуда, фаслҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Нақши усулҳои таълим дар ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди гузаронидани машғулиятҳои амалӣ-таҷрибавӣ аз фанни химия.

2. Истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва таҷрибавӣ дар дарсҳои химия.

3. Натиҷаҳои ниҳоии корҳои таҳқиқотӣ ва истифодаи онҳо дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои химиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Дар ин боб, пайдарпайии шарҳу баёни натиҷаҳои озмоишҳои (буришҳои) педагогӣ дар 3-марҳалаи тадқиқот (2017-2018, 2019-2020 ва 2020-2021), дар гурӯҳҳои озмоишӣ (экспериментали̅) ва санҷишии (назоратӣ) курсҳои 1,2 ва 3-юми муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгории касбии вилояти Хатлон, аз ҷумла ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара ва ДДБ ба номи Н.Хусрав мавриди омӯзиш ва таҳқиқи педагогӣ гардидаанд.

Мақсади таҳқиқот таҳқиқ, коркард ва татбиқи асосҳои илмӣ-методологии ташаккули шавқу завқ ва фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия мебошад.

Ҳамаи натиҷаҳои ба даст овардашуда боэътимод мебошанд ва хулосаҳои кори рисолаи номзадӣ ва автореферати он асоснок карда шудаанд.

Тавсифи умумии кори диссертатсионии Исмоилова Мубoракби Кенжаевна ин тавсифи қисмҳои назариявӣ ва амалӣ, мулоҳиза ва хулосаҳо мебошад ва онҳо дар автореферат пешниҳод карда шудааст, ки мазмуни диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосии таҳқикотҳои озмоишии педагогӣ дар маводҳои Паёми ДМТ, Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Паёми ДДБ, дар васоити таълимӣ- методӣ, дар ҷаласаҳои кафедраи химия ва методикаи таълими он, конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ, дар ҷараёни машғулиятҳои амалӣ, корҳои таҷрибавию озмоишӣ иҷро гардиданд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар фаъолияти таълимию маърифатии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар ҷараёни муомила ва кор бо донишҷӯён, дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, дар рафти гузаронидани корҳои амалӣ ва таҷрибавӣ аз фанни химия ҳамчун маводи ёрирасон истифода бурд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои ба дастомадаи таҳқиқот дар 16-мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6-мақолаи илмии аз ҷониби КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии тавсияшуда, 6-мақолаи дигар дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва 4- маводи таълимӣ ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи илмӣ, аз муқаддима, 2 – боб, 6 - зербоб, хулосаҳои боби I ва II, хулосаҳои умумӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар рисола натиҷаи кор дар 12- ҷадвал ва 13- расму диаграмма нишон дода шудааст.

Ҳисоб менамоям, ки таҳқиқотҳои диссертатсионии Исмоилова Мубoракби Кенжаевна дар мавзуи «Асосҳои илмӣ- методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия, аз рӯи ҳаҷми маводҳои назариявӣ ва амалӣ, моҳият ва аҳамияти натиҷаҳо ба ҳамаи талаботҳои КОА ҶТ,

ки барои ҳимояи диссертатсияи номзадӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.02-Назария ва методикаи фанҳои табиӣ,таҳсилоти касбӣ (химия) пешниҳод карда шудааст, ба талаботи ихтисос ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он Исмоилова Муборакби Кенжаевна бешубҳа ба додани унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

д.и.х.дотсент,мудири кафедраи
химия ва биологияи тиббии ДДТХ: Ғафуров Б.А.

Имзои Ғафуров Б.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДДТХ: Асоев С.П.